**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Назирзода Рамазон Сафар дар мавзуи: «Интродуксияи буттаҳои ороишӣ (*Weigela* Thunb. ва *Clematis* L.) барои кабудизоркунии шаҳри Душанбе" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06. 01. 01 – Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ**

**Мубрамии таҳқиқот.** Мавзуи кори диссертатсионӣ барои ҳалли масъалаҳои беҳбудии муҳити зисти инсон аҳамияти амалӣ дорад. Яке аз вазифаҳои муҳим барои беҳбудии муҳити зист ин васеъ кардани майдонҳои сабз мебошад, ки онҳо вазъи санитарӣ-гигиении шаҳру ноҳияҳоро беҳтар менамоянд. Аз ин рӯ, кабудизоркунии шаҳрҳо бо роҳи шинондани дарахтон, буттаҳо ва гулҳои ороишӣ, нишондиҳандаи муҳими беҳтар намудани муҳити шаҳрҳо мебошад. Шинондани буттаҳои зебогулкунанда ҳамеша нисбат ба дарахтони гулкарда ё гиёҳҳои алафӣ ба ҳолати равонии инсон бештар таъсири мусбат расонда, ҳолати эмотсионалии онҳоро қавитар мегардонанд. Маълум мешавад, ки яке аз ниҳолҳои ҷолибтарин, ки дар кабудизоркунии гулгашту хиёбонҳои шаҳрҳо дар ҷаҳон истифода мешаванд, инҳо намудҳои авлоди *Clematis* L. (Ломонос) ва *Weigela* Thunb (Вейгела) мебошанд. Муаллиф, ин ниҳолҳои зебои ороиширо, ки бо зебоӣ ва гулҳои сершумор метавонанд бо гули садбарг рақобат кунанд ва ҳатто аз садбарг болотар бошанд, дар шароити шаҳри Душанбе мавриди таҳқиқ қарор додааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм, ки аз руи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудаст.** Кори диссертатсионии Назирзода Рамазон Сафар дар мавзуи: «Интродуксияи буттаҳои ороишӣ (*Weigela* Thunb. ва *Clematis* L.) барои кабудизоркунии шаҳри Душанбе" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз руи мақсад ва вазифаҳо, ҳаҷми иҷрои кор ба шиносномаи тахассусии 06. 01. 01 – Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ, мутобиқат мекунад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия ба дастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асоси омӯзишу таҳлили натиҷаҳои интродуксияи намуд ва навъҳои ду авлоди растаниҳои буттагии ороишии *Weigela* Thunb ва *Clematis* L. ба амал омадааст. Маълум гардид, ки аз тарафи муаллиф дар муҳити шаҳри Душанбе омӯзиши ҳамаҷонибаи намуду навъҳои ин авлодҳо, ҳолати таксономии объектҳои интихобшуда, омӯзиш давраҳои мавсими нашъунамо, давомнокии фенофазаҳои асосӣ ва дарозии давраҳои вегетатсия, ҷараёни рушд ва инкишофи растаниҳо, сохтори анатомии дастгоҳи ассимилятсионии Вейгелаҳо омӯхта шудааст. Инчунин тадбирҳои агротехникӣ доир ба парвариш ва татбиқи намудҳои омӯхташуда дар амал коркард шуда, пешниҳод карда шудааст. Муқаррароти асосие, ки аз тарафи муаллиф ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, инҳоянд.

- Марҳилаҳои рушду инкишофи намуду навъҳои авлодҳои *Weigela* Thunb ва *Clematis* L. ҳангоми интродуксия дар шароити шаҳри Душанбе омухта шуда, фарқияти байни онҳоро муайян кардааст.
- Намояндагони авлодҳои *Weigela* Thunb ва *Clematis* L.-ро, ки сифати баланди ороишӣ доранд, дар кабудизоркунии аксари минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия менамояд.
- Агротехникаи сабзондани намудҳои пешниҳодшуда ба ташкилотҳои ободонии (кабудизоркунии) шаҳрҳо ва шаҳракҳо имкон медиҳад, ки миқдори кофии маводи ниҳолшиноиро тайёр карда, майдони иловагӣ барои ворид намудани намояндагони растаниҳои зебогулкунанда аз минтақаҳои гуногун, ҳангоми интродуксия фароҳам оваранд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Кори илмии пешниҳодгардида бешубҳа аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад. Тавсияҳои барои ташкилотҳо оид ба кабудизоркунӣ додашуда, ба таври илмӣ асоснок буда, барои минбаъд беҳтар ба роҳ

мондани ороиши кучаю хиёбонҳои шаҳру ноҳияҳо ҳамзамон қонеъ намудани талаботи идораю муассисаҳо бо ниҳолчаҳои ин растаниҳо хеле беҳтар мешавад.

Аз тарафи муаллиф дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, хулоса ва тавсияҳо бо интихоби дурусти усулҳо, истифодаи миқдори бисёри растаниҳо барои таҳқиқ намудан, истифодаи усулҳои замонавӣ барои таҳқиқот, таъиди васеи натиҷаҳои ҳосилшуда, бо коркарди математикӣ, муайян карда шудааст.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷалаҳои тақризшавандаи илмӣ**. Нуқтаҳои асосии диссертатсия дар 11 мақолаю фишурдаҳои муаллиф, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаву нашрияҳои мансуб ба номгӯйи маҷалаву нашрияҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи КОА –и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд. Мақолаҳои илмии чопшудаи муаллиф мазмуни мухтасари кори диссертатсиониро инъикос мекунанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА –и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Кори диссертатсионӣ дар 163 саҳифаи матни компютерӣ, дарҷ гардида, аз 4 боб, 18 ҷадвал, 44 сурат, 13 расм, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Дар рисола аз 199 номгӯй адабиёт истифода карда шуда, 7 –то бо забони хориҷӣ ва 5 –то манбаи электронӣ мебошад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзӯъ асоснок гардида, сатҳи омӯзиши он аз нуқтаи назари илмию амалӣ, мақсад, вазифаҳо, объектҳои таҳқиқот, мавзӯи таҳқиқот, соҳаи таҳқиқот, марҳилаи таҳқиқот, пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқот, алоқамандии кор бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, навоварии илмии таҳқиқот ва аҳамияти назариявию амалии натиҷаҳои таҳқиқотӣ, эътимодникии натиҷаҳои таҳқиқот, муқарраároти асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, апробатсия (таъйид), саҳми шахсии унвонҷӯ, интишорот, ҳаҷм ва

сохтори диссертатсия ва татбиқи натиҷаи таҳқиқотҳо нишон дода шудаанд.

Боби аввали диссертатсия –ҳолати ҳозираи проблемаро инъикос намуда аз 2 зербоб иборат аст. Таҳлили адабиётҳо ба таври васеъ сарчашмаҳои дохилию хориҷиро дарбар гирифта, систематика ва филогенияи авлодҳои Вейгелла ва Клематисро пурра шарҳ медиҳад. Инчунин дар диссертатсия маълумоти мухтасар оид ба намудҳои маъмули ояндадор дода шудааст.

Дар боби дуюм шароити минтақаи омӯзиш, объектҳо ва усулҳои таҳқиқот шарҳ дода мешаванд. Ҳамзамон ҳарорати миёнаи моҳона, боришот ва иқлими мавзеи омӯзишро шарҳ дода натиҷаҳо дар шакли расм ва ҷадвал оварда шудаанд. Объектҳои таҳқиқот дар диссертатсия пурра тавсиф дода шуда, макони гузарондани корҳои амалӣ, усулҳои таҳқиқоти муайян намудани сифати тухмӣ, афзоиши нашвӣ ва таҳқиқоти анатомӣ оварда шудааст.

Боби сеюм ба натиҷаҳои таҳқиқот бахшида шуда, дар он хусусиятҳои биологии авлоди *Weigela* Thunb ва *Clematis* L. ҳангоми интродуксия дар шароити шаҳри Душанбе оварда шудааст. Муаллиф муайян кардааст, ки давомнокии давраи гулкунии намудҳои авлоди *Weigela* Thunb аз 30 то 43 рӯзро ташкил дода, мавсими кӯтоҳтарини вегетатсия барои намуди *Weigela japonica* (250 рӯз) ва тӯлонитарин - 266 рӯз барои *W. florida* муайян кардааст. Дар баробари инҳо намуд ва навъҳои авлоди *Clematis* L. низ омухта шудаанд. Асосан ин навъҳо аз боғҳои ботаникии Қрим ва Уфа оварда шудаанд. Дар диссертатсия муаллиф оид ба афзоиш ва нашъунамои намуд ва навъҳои ин авлодҳо маълумот дода, натиҷаҳоро дар ҷадвал, расм ва сурат инъикос кардааст. Инчунин дар ин боб оиди сохтори микроскопии лаъличаи барги *Weigela floribunda маълумот* додааст.

Дар боби чорум усулҳои афзоиши растаниҳои авлоди *Weigela* Thunb ва *Clematis* L. оварда шуда, асосан усулҳои афзоиши нашвии ин

растаниҳо шарҳ дода шудааст. Афзоиши тухмӣ бошад фақат дар намояндагони авлоди *Clematis* L. санҷида шудааст. Ҳамзамон дар ин боб муаллиф истифодаи буттаҳои зебогулкунанда ва изғичи печонро дар кабудизоркунӣ ва боғдории ороишӣ ва агротехникаи парвариши онҳоро шарҳ медиҳад. Инчунин оид ба самаранокии иқтисодии парвариши буттаҳои намояндагони авлодҳои номбурда маълумот дода мешавад.

Дар хулоса таҳлили натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф омада, кори диссертатсионӣ ҷамъбаст карда шудааст. Хулосаҳо аз 9 банд иборат буда, муаллиф оиди омухтани нишондиҳандаҳои биологӣ ва ботаникӣ, давраҳои нашъунамои навъҳо, давомнокии гулкунӣ, сохти анатомии барги вейгелла, усулҳои афзоиши навъу намудҳои авлодҳои *Weigela* Thunb ва *Clematis* L., решагирии онҳо, самараи иқтисодии парвариши онҳо ва ғайра фикрронӣ намудааст. Дар асосии таҳлили кори гузарондашуда тавсияҳо тартиб дода шудаанд.

**Мувофиқати автореферат ба мазмуни диссертатсия**. Умуман матни автореферат ба матни диссертация мувофиқат намуда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат мекунад. Новобаста аз ин таҳқиқоти диссертатсионӣ баъзе камбудию норасогиҳо дорад. Масалан;

1. Дар матни диссертатсия аз маводҳои илмии олимони зиёде иқтибос оварда шудааст, вале ному насаби онҳо дар рӯйхати адабиёти истифодашуда нишон дода нашудааст, масалан Bailey, 1929; Howard, 1965; Jang, Barrie, Bell, 2011; Ohwi, Flora of Japan, 1965; Spongberg S.A., 1978 (саҳ 16), Эрмолик, 1873, Швартс, 1823; 1877; Эндер, 1872 (саҳ 18), V.E. Riextini, I.P. Riekstins 1990 (саҳ.21), ҳамин тавр дар саҳифаҳои 16, 18, 21 ва ғайра, инчунин дар матни диссертатсия иқтибос бояд рақами бошад на насаб ва сол, мисол ба ҷойи [Вриш, 2011] бояд [36] навишта шавад.
2. Мувофиқи талаботи систематика номи лотинии намуд ва авлод бо курсив навишта мешавад, ки ин дар диссертация ва автореферат на

дар ҳама ҷо риоя шудааст.Дар вақти тарҷума аз забони русӣ ба хаттогиҳо роҳ дода шуда, ҷойи намуд, навъ ва авлод дар матн нодуруст омадааст, масалан як бор авлоди *Weigela* Thunb ва *Clematis* L. менависад, дар ҷойи дигар онҳоро навъи *Weigela* Thunb ва *Clematis* L. Инчунин дар бисёр ҷойҳо навиштаҷоти муаллиф номаълум аст, чунончи дар ҷадвали 14 омадааст: "Афзоиши намуди авлоди Weigela бо қаламчаҳои сабз дар мабдаъҳои гуногун", кадом намуди ин авлод маълум нест.

3. Ҷадвалҳо ва расмҳо аз рӯи рақами бобҳо рақамгузорӣ нашудааст. Дар матн ҳангоми номгузорӣ муаллиф ба ҷойи калимаи расм суратро истифода бурдааст, ҳоло он ки ҳам сурат ва ҳам графикро дар матн расм номгузори мекунанд.
4. Дар саҳифаи 72 ба ҷойи калимаи найчаи гард - қубури гард истифода шудааст, чунин тарҷума дар бисёр мавридҳо дида мешавад.
5. Ҳангоми навиштани хусусиятҳои биологӣ ва ботаникии намуд ё навъ аввал бояд номи лотинӣ ва баъд номи тоҷикӣ ва ҳардуяшон бе қавс навишта шавад, чунки номи лотинӣ дар тамоми ҷаҳон қабулшуда мебошад.
6. Дар матн якчанд расмҳо аз шабакаи интернети гирифта шудааст, вале дар он истинод ба маъхаз вуҷуд надорад.
7. Дар қисми хулосаҳо истинод ба кори илмии чопшудаи муаллиф вуҷуд надорад.
8. Дар номгӯйи адабиёти истифодашуда камбудиҳо ба назар мерасанд, масалан дар рақамҳои 71, 184, 189, 191 соли нашр ва миқдори саҳифа оварда нашудааст, адабиёт аз рӯи талабот тартиб дода нашудааст.
9. Ҳамзамон дар диссертатсия ва автореферат хаттогиҳои имлоӣ, грамматикӣ ва тарҷумаи номувофиқи матн аз забони русӣ зиёд назар мерасанд.

Ҳамин тариқ, кори амалии иҷрокардаи муаллифро ба назар гирифта фикр мекунам, ки эродҳои номбаршудаислоҳшаванда мебошанд ва характери тавсиявӣ доранд.

**Хулосаи ҷамъбасти оид ба сазовор донистан ё надонистани довталаб ба дараҷаи илмии дахлдор.** Кори диссертатсионӣ дар мавзӯи «Интродуксияи буттаҳои ороишӣ (*Weigela* Thunb. ва *Clematis* L.) барои кабудизоркунии шаҳри Душанбе" ба талаботи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи диссертатсия Назирзода Рамазон Сафар барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06. 01. 01 – Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**Мудири Захираи гербарияи Институти ботаника,**
**физиология ва генетикаи растании Академияи миллии**
**илмҳои Тоҷикистон (ИБФ ва ГР АМИТ),**
**номзади илмҳои кишоварзӣ** **Мубалиева Шоиста Машрабовна**

Суроға: 734017, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Карамов, 27
Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Тел. (992) 93 432 67 24. Почтаи электронӣ shoistam@mail.ru

Имзои Мубалиева Ш.М.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои ИБФ ва ГР АМИТ Н. Умарова

15.06.2023 с.